Тақриз

Ба автореферати Изатулоева Холида Исматовна таҳти унвони “Рушди фаъолияти мустақилона ва қобилияти эҷодии донишҷӯён дар шароити низоми кредитии таълим” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Моҳияти асосии кори ба анҷомрасонидаи муҳаққиқ Изатулоева Холида ин пеш аз ҳама масъалаи баланд бардоштани сифати таълим ва ташаккули қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии донишҷӯёни макотиби олии ҷумҳурии соҳибистиқлоламон дар вазъи муосири низоми кредитии таҳсил аз муҳимтарин омилҳои омода намудани мутахассисони соҳибҳунар, эҷодкор ва рақобатпазир дар бозори ҷаҳонии меҳнат ба шумор меравад. Яке аз камбудиҳое, ки дар соҳаи маорифи кишвар вуҷуд доштани онро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Пайёми хеш ба маҷлиси олӣ (21.12.2021) ишора намуда буданд, ин пеш аз ҳама баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар мебошад.

Таҳқиқу омӯзиш ва баррасии муаллиф аз он гувоҳӣ медиҳад, ки фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён ҳамчун зинаи махсуси таҳсилот дар заминаи ҷустуҷӯ коркард азхудкунии иттилоот ба афзуншавӣ ва такмили салоҳиятмандии касбӣ амалӣ мегардад. Вобаста ба ҳамин муаллифи диссертатсия ковишҳои зиёди илмӣ анҷом дода, ба чунин хулоса меояд, ки самти фаъолияти худомӯзӣ дар заминаи кори мустақилона ва ташаккули қобилияти эҷодӣ дар партави низоми кредитии таълим ҳанӯз ҳам ба таври бояду шояд роҳандозӣ нагардидааст. Аз ин рӯ муҳаққиқ бо интихоби мавзӯъ ва таълифи он дар назди худ мақсад гузоштааст, ки мақоми донишҷӯ – омӯзгори ояндаро дар партави вусъат бахшидан ба амалҳо ва сифатҳои инфиродии ҳар як муҳассил, қобилияти фаъолмандӣ, тафаккури итиқодӣ, мантиқӣ ва зеҳнии донишҷӯ таҳқиқ намояд.

Ҳамин тавр муҳақиқ натиҷаи кори ба анҷомрасонидаашро дар муқадима, ду боб, хулосаҳо инъикос намуда, он фарогири 11 диаграмма, 11 ҷадвал, 226 номгӯи адабиёт мебошад.

Боби якуми рисола “Асосҳои илмӣ-назариявии рушди фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар робита ба ташаккули маҳорат ва малакаҳои эҷодкорӣ” ном дошта, муаллиф дар ин боб такя ба адабиёти зиёди илмӣ нишонаҳои мустақилияти эҷодии омӯзгори оянда аз нигоҳи маҳорати таҳлили интиқоди ва тарзи озодона баён кардани фикру мулоҳиза, шуурона дарҷ кардани воқеаву руйдодҳо, кашфи шаклу усули самаронокии таълиму тадрис , омодагии нерӯи зеҳнӣ ва ҳифзи маълумоти нав, қобилияти хулоса ва ҷамъбасткунӣ, ҷудо кардани чизи аввалиндараҷа ва дуюмдараҷаро мавриди

баррасӣ қарор дода, барои татбиқи фаъолияти эҷодкории омӯзгори оянда чандин омил ва шартҳоро пешниҳод намуда, дар фарҷоми боб ба хулоса омадааст, ки моҳият ва мазмуни "фаъолияти мустақил "чун рукни ташаккули қобилияти эҷодии омӯзгори оянда маҳорати ҷустуҷӯӣ ва пажуҳишии донишҷӯро ба мадди нахусти майлу хоҳиш ва кӯшишу рағбат мегузорад.

Боби дуюми рисолаи муҳаққиқ "Мазмун ва мундариҷаи фаъолияти мустақилона дар рушди қобилияти эҷодии донишҷӯён-омӯзгорони оянда" унвон дошта, дар ин қимати аср муаллиф ҳаматарафа аниқ намудааст, ки мақоми кори мустақилонаи донишҷӯён дар муассисаҳои олии касбӣ натанҳо барои азхудкунии донишҳо аз рӯйи фанҳои таълимӣ, балки ба ташаккули маҳорати касбӣ, малакаҳои нави кори таҳқиқотӣ, инкишофи сифатҳои ахлоқию психологӣ муҳим мусоидат намуда, барои дастёбӣ ба супоришот аз воситаҳои мавҷудаи омӯзиш ва пажӯҳиш истифода мебарад.

Муаллиф дар боби дуюми рисола коркарди технологияи ташкили бонизоми фаъолияти мустақилонаи донишҷӯёни самти омӯзгорӣ ба мақсади рушди қобилияти эҷодӣ ва тафаккури мантиқии онҳо дар шароити низоми кредитии таълим мавриди таҳқиқ қарор гирифта, барои технологияи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён-омӯзгорони оянда шаклу намудҳои тадбиқи онро пешниҳод намудааст. Ҳамин тавр дар интиҳои боби дуюм таҳқиқи динамикаи самти ҳавасмандии омӯзгорони оянда аз рӯйи нишондиҳандаҳо тавасути 11ҷадвал ва 11 диаграмма арзёбӣ карда шудааст.

Муҳаққиқ дастовардҳои илмии рисолаашро дар хулосаи кор ба таври возеҳу равшан нишон додааст,ки ба таври зайл мебошад.

1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия.

2.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.

Лозим ба ёдоварист, ки таҳққиқоти диссертатсиони унвонҷӯ арзишҳои назарраси илмиро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши проблема ва роҳҳои ҳалли он ҳадаф вазифа фарзия аҳмияти назариявию амалии он аз тасдиқи гуфтаҳои боло шаҳодат медиҳад.

Мувофиқи натиҷаҳои баррасигардидаи автореферат тахти унвони "Рушди фаъолияти мустақилона ва қобилияти эҷодии донишҷӯён дар шароити низоми кредитии таълим" таҳқиқоти илмии баохиррасида буда, ҳаҷм, арзишҳои назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Муовини ректор оид ба тарбия,
тарғибот ва масоили иҷтимоии
Донишкадаи энергетикии
Тоҷикистон
номзади илмҳои педагогӣ: Шарифова Зарина Ҷумаевна

08.11.2022

Маълумот барои тамос: 735162, вилояти Хатлон ноҳияи Кӯшониён тел 935646407 Ҷумҳурии Тоҷикистон, E-mail:det-tj@mail.ru

*"Имзои З.Ҷ. Шарифоваро тасдиқ мекунам"*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДЭТ Каримов З. А.